мошинсозӣ 25% афзоиш меёбад. Нархи базавиро ба 100 ададҳои муқаррарӣ қабул намуда, бо формулаи лағжанда фоизи зиёд шудани нархро муайян кунед.

***Масъалаи 7 .*** Хароҷоти умумӣ ба 150 000 сомонӣ баробар аст, шумораи маҳсулоти фурӯхташуда – 6000. Хароҷоти миёна ба воҳиди маҳсулоти фурӯхташударо муайян кунед.

***Масъалаи 8.*** Хароҷоти пурраи ширкат бо воҳиди маҳсулот дар соли ҷорӣ 4000 сомониро ташкил дод. Ҳангоми ҳисоби нарх ширкат коэффитсенти фоиданокиро 22% мегузорад (ҳиссаи фоида дар нарх). Дар шароити таваррум афзоиши хароҷот ба 300 сомонӣ мушоҳида карда мешавад. Ҳисоб карда шавад:

а) нарх дар соли ҷорӣ;

б) нархе, ки шояд хароҷоти ширкатро пурра рӯйпӯш карда, фоидаро (ба воҳиди маҳсулот) ба андозаи пешина нигоҳ медошт;

в) нархе, ки на танҳо хароҷотро рӯйпӯш мекард, балки шояд коэффитсиенти даромаднокиро 22% таъмин менамуд.

## МАВЗӮИ 3. ХУСУСИЯТИ БИЗНЕС-НАҚШАИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ

**3.1. Мафҳум ва моҳияти бизнес-нақшаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ**

**3.2. Вазифаҳои асосии таҳияи бизнес-нақшаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ**

**3.3. Асосноккунии бизнес-нақшаи лоиҳаи сармоягузорӣ**

**3.4. Машғулиятҳои амалӣ доир ба мавзӯъ**

## 3.1. Мафҳум ва моҳияти бизнес-нақшаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ

Мақсади асосии таҳияи ҳар як бизнес-нақшаи сармоягузорӣ ба даст овардани фоида равона карда шудааст. Ин маънои онро дорад, ки дар дилхоҳ шароитҳои дигари баробар ба он лоиҳаи инвеститсионие, ки он фоидаи зиёд меорад, эътибори бештар дода мешавад.

Ҳангоми таҳияи бизнес-нақшаи сармоягузорӣ бояд ба назар гирифт:

- объективӣ ва эътимоднок будани маълумоти воридотӣ ва содиротӣ;
- кифоя будани маълумот барои қабули қарорҳои асосноки лоиҳа дар ҳамаи марҳила ва давраҳои иҷрои он;
- пурра ва ботартиб будани баҳодиҳии таъсири тамоми омилҳо ба ҷараён ва натиҷаи иҷрои лоиҳаи сармоягузорӣ;
- имконпазирии мухтасар пешниҳод намудани маълумот;
- ҷудо намудани афзалиятҳои ҷолиб ва исботшудаи лоиҳа;
- вуҷуд надоштани тавсияи умумӣ ва номуайян, шарҳи аз меъёр зиёд ва нодурусти маълумотҳо, ки ба қабули қарорҳои лоиҳа таъсир мерасонад.

Вазифаи асосии таҳияи бизнес-нақшаи лоиҳаи сармоягузорӣ омода намудани маълумоте, ки барои қабули қарорҳои асоснок нисбати сармоягузориҳо мебошад. Идора намудани ҳама гуна тиҷорат пасандозҳои муайяни пулиро ба лоиҳа дар давраи ибтидоӣ аз ҷониби соҳибони он ва муассисон – инвеститсияҳоро дар назар дорад. Бе коркарди бизнес-нақша имрӯз дастрасии инвеститсия барои ҳама гуна фаъолият номумкин аст. Ва пулҳои шахсиро пасандоз намуда, боварии худро дар лоиҳаи нав бо ҳисоб ва хулосаҳои экспертҳо вобаста кардан хуб аст. Бизнес-нақша на танҳо ба дуруст тақсим кардани захираҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, ки барои иҷрои лоиҳа сарф мешавад, мусоидат мекунад, балки ба интихоби стратегияи самаранокии рафтор дар бозор ёрӣ мерасонад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки бизнес-нақшаи босаводона ба нақша гирифташуда ба дарёфти манбаҳои иловагии маблағгузорӣ дар 10 аз 100 ҳолатҳо имконият медиҳад.

Асосан, ба босаводона навиштани бизнес–нақша танҳо корхонаҳои алоҳида мусоидат мекунанд. Ин роҳ ниҳоят гарон аст, агар сухан дар бораи хизматрасонии ширкатҳои ғарби консалтингӣ равад ва он хеле меҳнатталаб аст, агар корхона нақшаро бо қувваи худ таҳия намояд.

Бизнес–нақша – ин нақшаи ташкил намудани тиҷорат аст ва ба он бо диққат муносибат кардан лозим аст ва он санҷиши аз ҳама зиёдро талаб менамояд, пеш аз он ки ба кор шурӯъ кунанд бояд захира дарёфт намоянд, ба он имконият медиҳад. Арзиши бизнес-нақша, ба ҳар бобат, бо зарурати бовар кунонидани сармоягузор, ба он ки корхона дастгирии муносиби ақидаҳои тиҷоратӣ дорад, маҳдуд карда намешавад. Он барои идоракунии ҳайати кори ширкат низ аҳамияти муҳим дорад ва зеро таъмини мақсади корхона, инчунин муҳлати ва роҳҳои ба онҳо ноил шуданро муайян мекунад.

Маҳорати таҳияи бизнес-нақша ва гузаронидани таҳлили лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи чунин сабабҳо хеле муҳим ҳисоб меёбад:

- насли нави соҳибкорон, ки таҷрибаи банақшагирӣ ва роҳбарии сохторҳои тиҷоратиро надоранд, ба вуҷуд омадаанд ва онҳо доираи проблемаҳои дар пеш истодаро хуб тасаввур карда наметавонанд;

- роҳбарони ботаҷрибаи ақидаашон кӯҳна дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ба мубориза рақобатӣ омода нестанд, қадамҳои ояндаи худро ҳисоб карда наметавонанд;

- гирифтани инвеститсияҳоро ба назар гирифта бизнес-нақшаро таҳия ва асоснок карда натавонистан ва ба сармоягузорон исбот карда натавонистан, он гоҳ пулро дар корхонаи эътимоднок самаранок пасандоз кардан мумкин аст;

- самаранокии лоиҳаҳои инвеститсиониро таҳлил намуда, ҳамаи омилҳоро, ки хавфи молиявӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ, экологӣ ва ғайраро муайян мекунанд, ба ҳисоб гирифтан зарур аст.

Хусусияти асосии бизнес-нақша аз он иборат аст, ки ба шароит, оянда, натиҷаи иқтисодии ва иҷтимоии иҷрои лоиҳаи сармоягузорӣ баҳои пурраи мунтазам медиҳад. Дар вақти асосноккунии техникӣ –

иқтисодии лоиҳаи инвеститсионии бизнес-нақша бояд ба шахсҳои зерин барои чунин мақсадҳо зарур аст:

- сармоягузор – барои муайян кардани мақсаднокии пасандози сармоя;
- мақомоти идоракунии иҷрои лоиҳаи сармоягузорӣ барои таҳияи барномаи амалиёт ва роҳбарӣ дар рафти иҷро;
- қарздиҳандагон - барои қабули қарор доир ба қарздиҳии лоиҳа бо назардошти самаранокии лоиҳа ва имконияти баргардонидани қарз;
- мақомотҳои идоракунии давлатӣ барои ба танзим даровардан ва назорати муносибатҳои иқтисодӣ дар роҳи маблағгузории буҷетии лоиҳа қарзи имтиёзнок.

Бизнес–нақшаи лоиҳаи сармоягузорӣ – ҳуҷҷати анъанавӣ барои ҷалби инвеститсияҳо мебошад. Онро барои сармоягузорони маъмурияти минтақавӣ, мулкдорон ва менеҷменти ширкатҳо пешбинӣ намудаанд ва мақсади он ҷалби маблағгузорӣ мебошад. Талаботи асосие, ки дар бизнес-нақшаи лоиҳаи сармоягузорӣ нишон дода мешавад ин таъмини пуррагии маълумот бояд дар он нигоҳ дошта шавад. Тарзи асосии тартиб додани бизнес-нақшаи лоиҳаи сармоягузорӣ, мухтасарии имконпазир мебошад.

## 3.2. Вазифаҳои асосии таҳияи бизнес-нақшаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ

Банақшагирии иқтисодӣ танҳо он ҳолате самара медиҳад, ки ҷанбаҳои мухталифе, ки метавонанд ба натиҷа таъсир расонанд, ба назар гирифта мешаванд. Омодасозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва бизнес-нақша дорои хусусиятҳои монанди зиёде дорад, аммо мафҳумҳо худашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Лоиҳаи сармоягузорӣ - ҳуҷҷате, ки ҳаҷм ва самти сармоягузорӣ барои татбиқи вазифаҳои тиҷоратӣ, саноатӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муҳим аст. Он ҷадвали тахминии гирифтани кӯмаки молиявиро дарбар

мегирад, асоснок кардани хароҷоти оянда ва барои ҷалби маблағҳои қарзӣ хизмат мекунад.

Бизнес-нақша - барномаи фаъолияти лоиҳаи корӣ ё наве, ки дар он ҳадафҳо, вазифаҳо, иҷрокунандагон, манбаҳо, соҳаҳои муҳими кор таъин шудаанд. Вазифаи муҳимтарини чунин ҳуҷҷат банақшагирӣ ва пешгӯии равандҳои барои вақти муайян аст.

Лоиҳаи сармоягузорӣ як навъи графики ҷалби маблағҳои қарзӣ мебошад, ки барои ба даст овардани ҳамдигарфаҳмӣ бо сармоягузор мебошад. Он дорои дараҷаи баланди тафсилот ва сифати пурраи хароҷоти оянда мебошад. Ҳамзамон лоиҳаи сармоягузорӣ на танҳо барои лоиҳаҳои тиҷоратӣ таҳия карда мешавад, балки барои лоиҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, ки боздошта надоранд, таҳия карда мешавад.

Фарқиятҳои асосии лоиҳаи сармоягузорӣ:

1. Аз рӯи соҳаи фаъолият – натанҳо бо мақсади тиҷоратӣ балки барои татбиқи нақшаи вазифаҳои иҷтимоӣ низ таҳия карда мешаванд.

2. Аз рӯи ҳаҷм – назар ба бизнес-нақша, ки як ҳуҷҷати хурд, вале зеҳн аст, лоиҳаи сармоягузорӣ ҳуҷҷати асоснокқунийӣ ва пешгӯии пурраи хароҷот аст.

3. Аз рӯи дараҷаи тафсилот - лоиҳаи сармоягузорӣ самти хароҷот бо хулосаи муфассал ва асоснок пешниҳод мекунад.

4. Аз рӯи мақсади таҳия - лоиҳаи сармоягузорӣ пеш аз ҳама ҷалби маблағҳои қарзӣ мебошад.

Ҳар як нақша ҳадафҳо ва вазифаҳои худро дорад. Ба маънои глобалӣ ҳадафи лоиҳаи сармоягузорӣ муайян кардани объекти сармоягузорӣ, мӯҳлати фоида ва натиҷаи банақшагирӣ аз сармоягузорӣ мебошад. Яъне, коршинос бояд ба саволи сармоягузор ҷавоб диҳад, ки оё сармоягузор метавонад ба мақсадҳои худ дар вақти муайян дар ҳолати сармоягузорӣ ба лоиҳа ноил шавад. Бинобар ин, ин вазифаҳо гузошта мешаванд:

• ҷалби сармоя;

• ташкили ҷойҳои нави корӣ;

• Такмили нишондиҳандаҳои калидии иқтисодӣ, тавсеаи тиҷорат;

• Ҷойгиркунии дурусти афзалиятҳо, тақсимоти самтҳои асосии ва ёрирсонии рушди тиҷорат;

• Таҳлили бозори фурӯш (барои ин нақшаи алоҳидаи маркетингӣ лозим аст).

Аз ин рӯ, рушди лоиҳаи сармоягузорӣ якбора якчанд функсияҳоро иҷро мекунад:

• ташкили консепсияи тиҷорат, модели рушди он;

• татбиқи амалии ин модел, таҳлили хавфҳои имконпазир;

• ҷалби захираҳои нави молиявӣ, ҷустуҷӯи манбаъҳо;

• Ҳисоб ва баҳодиҳии самаранокии сармоягузориҳои қаблӣ

Барои иҷрои ин вазифаҳо дар ҳуҷҷати омодашаванда якчанд талабот ба назар гирифта мешавад. Он бояд нишондиҳандаҳои мушаххаси сифатӣ ва миқдориро, ҳадафҳои воқеӣ, ки бояд дар мӯҳлати муайян ба даст оварда шаванд, дар бар гирад. Дар асл, таҳлили хавфҳо барои расидан ба устувории молиявии ширкат ёри мерасонад, зеро манфиатҳои тиҷорат набояд барои сармоягузорро аз пешгӯии мушкилоти имконпазир паст бошанд.

### 3.3. Асосноккунии бизнес-нақшаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ

Бизнес-нақшаи лоиҳаи сармоягузорӣ – ин барномаи иҷрои мақсад ва роҳҳои ноилшавии лоиҳаи ташкили истеҳсоли маҳсулот (хизматрасонӣ) дар асоси нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодии ба нақша гирифташуда мебошад. Дар он далелҳо ва баҳои имкониятҳои лоиҳа оварда мешавад, даромад ва хароҷот, миқдори пули ҳақиқӣ, манбаи маблағгузоронӣ ва талафот, безарарӣ ва дигар нишондиҳандаҳо таҳлил карда мешавад. Ин асоси барои пешниҳоди қарз ва воситаи таҳлили лоиҳа, иҷрошаванда ва самаранок будани он мебошад.

Дар лоиҳасозии сармоягузорӣ ҷудо намудани бизнес-нақша ба ҳуҷҷати мустақил бо давраи гузариши иқтисодӣ, зарурати мувофиқкунии таҷрибаи берунии таҳияи лоиҳаҳо ба шароити дохилӣ,

таснифи методология ва ҳуҷҷатҳо дар соҳаи тиҷорат вобаста, ба назар мерасад. Моҳиятан ин андозаи муайяни пешниҳоди корӣ ба шарикони эҳтимолӣ, ки ба баҳо дар самаранокии иқтисодии чораҳои дар лоиҳа пешбинишуда, баргардондани пасандозҳои қарзӣ ба онҳо зарур аст. Бизнес-нақша лоиҳаи сармоягузорӣ бо мақсади асосноккунии:

- рушди ҳозира ва ояндаи корхона ва интихоби намудҳои нави фаъолият;

- имконияти дастрасии захираҳои сармоягузорӣ ва қарзӣ, баргардонидани маблағҳои қарзӣ;

- пешниҳод ва таъсиси корхонаҳои муштарак ва хориҷӣ;

- мақсаднокии чораҳои дастгирии давлатӣ таҳия карда мешавад.

Комёбиҳо дар ҷаҳони савдо аз 3 ҷузъ иборат аст:

- Дарк кардани вазъи умумии кор дар ҳозира замон;

- Тасаввур кардани он натичае, ки шумо мехоҳед ба он ноил шавед;

- Банақшагирии ҷараёни гузариши аз як вазъият ба вазъияти дигар ба таври ҳалкунии масъалаҳо.

Бизнес-нақша таҳияи мақсад ва вазифаҳоеро, ки дар назди корхона дар ояндаи наздик ва зарур гузашта шудааст, баҳодиҳии вазъи ҷории иқтисодиёт, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии истеҳсолот, таҳлили бозор ва маълумот дар бораи мизоҷонро дар бар мегирад. Дар он ба захираҳое, ки барои ноилшавии мақсади гузашташуда дар шароити рақобат зарур аст, баҳо дода мешавад.

Бизнес–нақша, тамоми ҷиҳатҳои асосии корхонаи ояндаро тавсиф намуда, проблемаҳоеро, ки онҳо ба он рӯ ба рӯ мешаванд, таҳлил намуда, усулҳои ҳалли ин проблемаҳоро муайян менамояд. Он бояд ба саволи: Оё ба ин лоиҳа умуман маблағ пасандоз кардан аҳамият медиҳад ва оё ин даромад тамоми хароҷотро пӯшонда метавонад? ҷавоб диҳад.

Бизнес–нақша хусусияти нақшаи ҷорӣ (як сол) ва ё дарозмуддатро (3-5сол) - ро дошта метавонад. Дар ин сурат инчунин ба назар гирифтан лозим аст, ки тартиб ва сохтори бизнес-нақша бо ҳаҷми

бозор ва ба назар гирифташудаи фурӯш, вуҷуд доштани рақобат ваояндаи рушди корхона вобаста аст.

## 3.4. Машғулияти амалӣ доир ба мавзӯъ

***Тестҳои санҷишӣ:***

1. Бизнес – нақшаи лоиҳаи сармоягузорӣ – ин:

а) барномаи иҷрои ақидаҳои нав;

б) роҳҳои ноилшавии ақидаҳои банақшагирифташуда;

в) ноилшавии нишондиҳандаҳои баназаргирифташудаи техникӣ – иқтисодӣ;

г) усули иҷрои ақидаҳои нав.

2. Асосноккунии техникӣ – иқтисодии бизнес-нақшаи сармоягузорӣ барои:

а) сармоягузорон;

б) кредиторон;

в) директорон;

г) молтаъминкунандагон.

3. Зери мафҳуми сармоягузорӣ (инвеститсия) фаҳмида мешавад:

а) маблағ барои аз нав кардани фоидаҳои асосӣ, хариди қоғазҳои қимматнок;

б) маблағ барои корҳои сохтмону васлкунӣ;

в) маблағ барои сохтани бино, харидан, васл кардан ва ба кор андохтани мошин;

г) маблағ барои корҳои лоиҳавӣ – кашфкунӣ ва ҷамъ.

4. Манбаъҳои ҷалби сармоягузорӣ (инвеститсияҳо) кадом аст?

а) инвеститсияҳои хориҷӣ, аз фурӯши саҳмияҳо;

б) истеҳсолот, фоида, андӯхт ва маблағи суғурта;

в) фурӯши саҳмияҳо, саҳми ҷомеаи меҳнатӣ, инвеститсияҳои хориҷӣ;

г) андӯхт ва маблағи суғурта.

5. Ҳангоми банақшагирии таъмини захиравии нақша чиро дуруст баҳо додан муҳим аст?

а) талаботи захираҳои истеҳсолӣ;

б) бозоргирии корхона;

в) ҳаракати маблағҳо;

г) андозаи инвеститсияҳои хориҷӣ.

***Ҳали масъалаҳо:***

***Масъалаи 1.*** Бонки тиҷоратӣ ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ бо фоизи соддаи 12% солона қарз дод. Бузургии пардохти қарзро муайян кунед, агар муҳлати истифодаи қарз 9 солу 5 моҳро ташкил диҳад.

***Ҳал:***

S=P(1+n*i)= 10000*(1+3390/360*0,12)= 21300 сомонӣ

***Ҷавоб:*** Бузургии пардохти қарз ба 21300 сомонӣ баробар аст.

***Масъалаи 2.*** Бонки тиҷоратӣ ба маблағи 15 ҳазор сомонӣ бо фоизи мураккаби 9% солона қарз дод. Бузургии пардохти қарзро муайян кунед, агар муҳлати истифодаи қарз 9 солро ташкил диҳад.

***Ҳал:***

S=$P(1+i)^n$= $15000*(1+0{,}09)^9$=32578,39 сомонӣ.

***Ҷавоб:*** Бузургии пардохти қарз ба 32578,4 сомонӣ баробар аст.

***Масъалаҳо барои ҳали мустақилона***

***Масъалаи 3.*** Таҷҳизот бо арзиши 150 000 сомонӣ харида шуд. Муҳлати истифодаи таҷҳизот 5 сол. Арзиши барҳамдиҳии таҷҳизот 7 000 сомонӣ. Маблағи солонаи ҳиссаҷудокунии истеҳсолотро бо усули бақияи камкунанда муайян кунед.

***Масъалаи 4.*** Корхона таҷҳизоти 2 сол пеш ба маблағи 800 ҳазор сомонӣ ва барои 5 соли истифода пешбинишударо фурӯхтан мехоҳад, ки арзиши бақиягии он ба 50 ҳазор сомонӣ баробар аст. Ҳисоби баробарандозаи хӯрдашавӣ истифода бурда шудааст. Меъёри андоз аз фоида ба 30% баробар аст. Ҳисоби тавозунӣ ё камшавии тавозунро, дар ҳолате ки агар нархи фурӯш баробар бошад,  муайян мекунем:

а) 560 ҳазор сомонӣ;

б) 470 ҳазор сомонӣ.

***Масъалаи 5.*** Қарз S = 7000 сомонӣ, n = 0,5 сол аз рӯи меъёри оддии баҳисобгирии r = 11% солона дода мешавад. Қарзгиранда кадом маблағро мегирад?

***Масъалаи 6.*** Корхона таҷҳизоти 3 сол пеш ба маблағи 900 ҳазор сомонӣ ва барои 5 соли истифода пешбинишударо фурӯхтан мехоҳад, ки арзиши бақиягии он ба 100 ҳазор сомонӣ баробар аст. Ҳисоби баробарандозаи хӯрдашавӣ истифода шудааст. Меъёри андоз аз фоида ба 40% баробар аст. Ҳисоби тавозунӣ ё камшавии тавозуниро дар ҳолате ки агар нархи фурӯш баробар бошад:

а) 350 ҳазор сомонӣ;

б) 300 ҳазор сомонӣ.

***Масъалаи 7.*** Қарз S = 8000 сомонӣ, n = 0,25 сол аз рӯи меъёри оддии баҳисобгирии r = 12% солона дода мешавад. Қарзгиранда кадом маблағро мегирад?

Агар давраи ҳисоб аз як сол кам бошад, он гоҳ  n = t/k аст, дар ин ҷо r –давомнокии сол (бо рӯзҳо), t – давраи ҳисоб (бо рӯзҳо).

***Масъалаи 8.*** Маблағи ибтидоии қарзро ёбед, агар маблағи пардохти қарзӣ ба 113 ҳазор сомонӣ маълум бошад. Муҳлати амали қарз 2 солу 9 моҳ ҳангоми меъёри фоиз 2,9% будан, агар $S = P (1 + n * i)$ бошад.

## МАВЗӮИ 4. ТАРКИБ ВА СОХТОРИ БИЗНЕС – НАҚША

**4.1. Сохтори бизнес – нақшаи лоиҳаи сармоягузорӣ.**
**4.2. Талаботи умумӣ барои бизнес-нақшаи**
**4.3. Марҳилаҳои таҳияи бизнес–нақшаи лоиҳаи сармоягузорӣ.**
**4.4. Машғулияти амалӣ доир ба мавзӯъ**

### 4.1. Сохтори бизнес-нақшаи лоиҳаи сармоягузорӣ

Дар тартибдиҳии бизнес-нақша нусхаи аниқи муайянкардашуда вуҷуд надорад, вале намунаи онро дарёфт намудан имконпазир мебошад. Бо назардошти принсипҳои асосӣ, ки асоси коркарди бизнес-нақша дар сиёсати ҷаҳонӣ мавҷуд аст, як қатор усулҳо омода карда шудаанд. Тафовути усулҳои тартибдодашуда дар дараҷаи муфассалии онҳо асос ёфтааст.

Бо баробари вуҷуд доштани усулҳои гуногуни бизнес – нақша, ба сохтори он бобҳои зерин дохил мешаванд:

1) Резюме - ин қисми муҳимтарини ҳуҷҷат аст. Дар ин қисм маълумоти асосиро дар бораи лоиҳа, мафҳум ва дурнамои имконпазири он ҷамъбаст мекунад. Ҳама коршиносон ба андешаи он таалluқ доранд, ки он аз резюмеҳо зиёд аст аз он вобаста аст, ки сармоягузории дилхоҳро қабул кунед ё нақшаи шумо ба таври ҷиддӣ қабул карда намешавад ;

2) мувофиқатномаи махфӣ (меморандум конфиденциальности);